**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
______Файзулло Машраб Қурбоналӣ,
«_28_»___05___2025 сол

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва ҳалталаби илми ҳуқуқшиносӣ, яъне проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо бахшида шудааст.

Дар шароити муосири дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва ислоҳотҳои ҳуқуқӣ, дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва тағйиротҳои дигари ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд нақши ҳокимияти судӣ, огоҳии шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ махсусан меафзояд. Вобаста ба ин дар мамалакат як силсила ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқие гузаронида шудаанд, ки онҳо ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба ташаккул ва таҳкими мақомоти судӣ таъсири мусбӣ

расониданд. Бинобар ин, барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ - илмие заруранд, ки барои таъмини мустақилияти судяҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат намояд. Аз ин рӯ, коркарди проблемаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо аз ҷиҳати назария ва амалияи илми хуқуқшиносӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои барномавии зикргардида дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меоранд, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд, инчунин дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат менамоянд.

Ба андешаи муаллиф новобаста аз тарҳрезии проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ баъзе масъалаҳо, ба монанди шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳоло ҳам мушкилотҳо, таҳқиқотҳои нокифояи ҷанбаҳои алоҳидаи ин проблема ҷой доранд. Омили дигаре, ки муаллиф ба он ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, он масоили тарҳрезии илмии таносуби назарияи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳаёти ҳуқуқӣ аксар вақт ҳолатҳои мухталифро ба вуҷуд оварда, бидуни таҳлил ва фаҳмиши назариявии онҳо ҳалли он душвориро ба миён меорад ва адабиёти махсус дар бораи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ки роҳнамои ҳалли ин масъалаҳо бошад, кам аст. Дар ин замина, муаллиф қайд мекунад, ки судяҳо бояд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, бо истифода аз арзишҳои ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои хуқуқӣ, мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, бозомӯзӣ, дарки падидаҳои ҳаёти хуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти касбии худро сифатан баланд бардоранд. Ҳамзамон, имконпазирии гузаронидани ислоҳоти судӣ-хуқуқиро дар доираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии тамоми ҷомеа ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

Аз ин лиҳоз, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда мафҳум ва моҳияти проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳоро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, онро дар қонунгузории миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ таҳлил намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки муаллифи дисертатсия дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба нақши ҳокимияти судӣ дар ҷомеа ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқи касбии судяҳо дар баамал баровардани адолати судӣ саҳми назарраси худро гузоштааст. Ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро

коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили қонунгузории мамлакат метавонанд саҳми назаррас гузоранд, аз ҷумла:

- бори нахуст дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ проблемаҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки мафҳум ва функсияҳои шуури ҳуқуқӣ, унсурҳои шуури ҳуқуқӣ, намудҳои шуури ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди шуури ҳуқуқӣ илман асоснок карда шаванд;

- дар таҳқиқоти манзургардида фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ, масоил ва табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар замони муосир ҳамчун асоси ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо, фаҳмиши ҳуқуқии судӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта, хулосаҳои арзишманд манзур гардидаанд;

- барои ҳамаҷониба таҳқиқ намудани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо чун заминаи фаъолияти тафсири ҳуқуқӣ, муаллиф ҷанбаҳои назариявии тафсири ҳуқуқӣ, намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи низоми ҳуқуқӣ, ҷой ва нақши герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ, усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ ва қоидаҳои воқеии тафсир, тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз рӯйи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, андешаҳои худро баён намуда, барои тақвият бахшидан ба ин равандҳо хулосаҳои судманди илмӣ пешниҳод намудааст;

- муаллиф яке аз асосҳои муҳимтарини таъсиррасонӣ ба шуури ҳуқуқии судяҳо назарияи ҳуқуқи исботкуниро ҳамчун омили баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мавриди таҳқиқот қарор дода, масоили умуминазариявии таҳияи назарияи ҳуқуқи исботкунӣ, нақш ва ҷойи назарияи далелҳо ва назарияи исбот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ, амалинамоии фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, баҳодиҳии далелҳо, ҷоизию дахлдорӣ ва боэътимодии далелҳоро баррасӣ намуда, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ин равандро дар фаъолияти судяҳо бо мисолҳои мушаххас ошкор намудааст;

- дар хулоса муаллиф барои рушд ва такмили қонунгузории миллӣ дар ин самт таклифҳо, тавсияҳои назариявию амалӣ пешниҳод намудааст, ки онҳо барои тақвият бахшидан ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, мустақилияти судяҳо, сифат ва самаранокии санадҳои судӣ, таъмини адолати судӣ дар ҷомеа ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун омили ҳалкунандаи адолати судӣ бармад хоҳанд кард ва ғайра.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таҳия ва коркард намуда, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба тақвият бахшидан ба ҳокимияти судӣ, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, мустақилияти судяҳо, сифат ва самаранокии санадҳои судӣ, таъмини адолати судӣ дар ҷомеа ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо пешниҳодҳо манзур менамояд. Андешаи мазкур ба натиҷаҳои эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихӣ ва ҳуқуқӣ, маводҳои таҷрибаи судӣ ва қонунгузорӣ асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таҳлили хулосаҳои бадастомада, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман асосноккардашуда дар рисола пешниҳод гардида, навоварии илмии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст, асос ёфтаанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки нуқтаи назари худро баён намояд, лаҳзаҳои баҳснокро ҷудо намуда, таваҷҷуҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш намояд.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф ин таҳлил ва омӯхтани омилҳое мебошанд, ки ба ҷараёни дар ҳаёт татбиқ намудани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ душвориҳоро ба миён меоранд. Муаллиф аз нигоҳи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст, ки роҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳои замони муосир ва тағйир додани тафаккури фаҳмиши ҳуқуқ аз ҷониби судяҳо ва тамоми шахсоне, ки бо ин ё он тарз дар татбиқи ҳуқуқ ва дар баамалбарории адолати судӣ саҳм доранд, коркард намуда, ақидаҳои назариявӣ ва таклифҳои амалӣ пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, дарки назариявии проблемаҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар сатҳи дастрасии бевоситаи онҳо дар таҷрибаи судӣ ва тавассути масъалаҳое, ки худи амалияи судӣ ба миён мегузорад, аҳаммияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқоти рисолаи илмиро махсусан таъкид мекунад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар назария ва амалияи илмии муосир мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» то ҳол дар соҳаҳои гуногуни илм: ҳуқуқшиносӣ, фалсафа, мантиқ, психология, педагогика ва ғайраҳо истифода мешавад ва ҳар кадоми онҳо, онро ба таври худ маънидод мекунанд. Дар фалсафа ва мантиқ шуури ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, дар ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маҷмуъи ғояҳо, ҳиссиёт, эҳсосоти одамон нисбат ба ҳуқуқи мавҷуда ва гузашта, дар педагогика ва психология бошад, ҳамчун асоси тарбияи ҳуқуқӣ мешуморанд (саҳ. 39).

Мафҳуми «шуури ҳуқуқи»-ро баррасӣ намуда, муаллиф қайд менамояд, ки онро дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ пайдо кардан

мумкин аст ва мутахассисони соҳаи криминология низ ҳангоми таҳлили детерминизми ҷиноятҳо истифода мебаранд. Ҳамин тавр, муаллиф хулоса мекунад, ки: «Шуури ҳуқуқӣ - категорияи назарияи давлату ҳуқуқ ва криминология буда, маънои соҳаи шуури гурӯҳӣ, иҷтимоӣ ва фардӣ, ки падидаҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқиро инъикос дода, бо арзишҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ такя намуда, таасурот дар бораи тартиботи ҳуқуқиро асоснок карда, бо шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, анъанаҳои фарҳангӣ-ҳуқуқӣ, демократӣ ё авторитарӣ муайян карда мешавад».

Ибрози ақида карда мешавад, ки маҳз ҳуқуқшиносон сохтор, вазифа ва намудҳои шуури ҳуқуқиро ҷудо карда, нақши онро дар механизми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини тартиботу қонуният муайян мекунанд. Ба андешаи муаллиф нақши шуури ҳуқуқӣ чунон назаррас аст, ки аксар вақт назарияи давлат ва ҳуқуқ ва назарияи шуури ҳуқуқиро алоҳида баррасӣ мекунанд. Онҳо аз қоидае, ки равоншиносон таҳия кардаанд, бармеоянд, ки шуур дар фаъолият амалӣ мешавад ва аз ин рӯ, сатҳи шуури ҳуқуқии шахсро аз рӯйи амалҳои ӯ муайян кардан мумкин аст. Рафтори қонунии шахс, сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии ӯ метавонад нишондиҳандаи сатҳи мусбати шуури ҳуқуқии ӯ гардад. Содир кардани ҷиноят, сарфи назар аз ангезаҳои он, дар бораи деформатсияи шуури ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад (саҳ. 43-44).

Вобаста ба ин, муаллиф якчанд функсияҳои асосии шуури ҳуқуқиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, аз ҷумла: 1) идрокӣ, 2) баҳодиҳӣ 3) танзимкунанда, 4) пешгӯйӣ, 5) робитавӣ, 6) амсиласозӣ. Дар ин робита ба андешаи муаллиф махсусан, функсияи баҳодиҳӣ ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бештар таъсир мерасонад, ки дар муносибати муайяни эҳсосии шахс нисбат ба падидаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ, бо дарназардошти таҷрибаи ӯ ифода меёбад. Чунин муносибат дар баҳодиҳии субъект он донишу таҷрибае, ки ҷамъ овардааст дар заминаи вазъияти мазкур ё бо дурнамои оянда зоҳир мегардад. Дараҷаи баҳодиҳӣ аз арзиши объекти хоҳиш, мақсади фаъолияти мушаххас вобаста аст, ки он барои интихоби унсурҳои афзалиятноки низоми ҳуқуқ асос мешавад. Чунин муносибатҳо ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим карда мешаванд: ба қонун ва умуман қонунгузорӣ; ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ба рафтори қонунии атрофиён; ба қонунӣ будани рафтори худ (саҳ. 43-44).

Ҳамин тавр, шуури ҳуқуқии шахс, гурӯҳ, ҷомеа сарчашмаи ҳуқуқ мебошад, зеро маҳз субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳамаи мо ба ҳисоб меравем, самти рушду инкишофи қонунгузориро ифода карда, ниёз ва эҳтиёҷоти худро ташаккул медиҳанд. Танҳо субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ метавонанд қонунро мавриди амал қарор диҳанд ва танҳо онҳо метавонанд мувофиқии рафторро ба меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқ арзёбӣ

намоянд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҷараёнии ташаккули шуури ҳуқуқӣ, коркарди баҳои дурусти рафтор таъсир мерасонанд.

Дар баробари баррасии мафҳум ва функсияҳои шуури ҳуқуқӣ муаллиф унсурҳо, намудҳои шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди алоҳидаи шуури ҳуқуқиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиш муайян намудааст, ки идеологияи ҳуқуқӣ ифодаи мураттаби илмии ақидаи ҳуқуқӣ, принсип, талаботи ҷамъият, синф, гурӯҳ ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ мебошад. Он дар натиҷаи ба созиш омадан, дар натиҷаи муайян кардани манфиатҳо ва афзалиятҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба даст меояд ва ташаккул меёбад. Давлати ҳуқуқбунёд, қайд менамояд муаллиф, сатҳи баланди мафкураи ҳуқуқӣ ва дар ин раванд риояи принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунандешии сиёсӣ, эътирофи нақши баланди мақомоти ҳифзи ҳуқуқро пешбинӣ менамояд. Психологияи ҳуқуқӣ бошад, ба андешаи муаллиф ҳиссиёт, эҳсосот, таҷриба, мутаасирӣ, рӯҳияро дар бар мегирад, ки умуман ба ҷамъият ва хусусан ба гурӯҳи иҷтимоӣ хос мебошанд. Маҳз психологияи ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои миллату халқиятҳои гуногунии давлатро муайян намуда, тафовути майлу хоҳиши табақаҳои гуногуни аҳолӣ муайян карда шавад. Он барои ба амал баровардани тамоми он чизе, ки ба одат, фарҳанг, хударзёбии шахсият табдил ёфтааст, кӯмак мерасонад. Сатҳи психологияи ҳуқуқӣ дараҷаи қобилияти шахсро дар ҳолатҳои гуногун идора карда тавонистан, фурӯ бурдани эҳсосоти манфие, ки метавонанд боиси рафтори ғайриқонунӣ гарданд, муайян месозад (саҳ. 64-65).

Шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро муаллиф аз низоми ақидаҳо, эътиқодҳо, таассурот, арзёбиҳои ҳуқуқӣ дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ ва амалияи татбиқи онҳо, ки дар натиҷаи баррасии чандинкарратаи парвандаҳои судӣ ва қабули қарор аз рӯйи онҳо ташаккул меёбад, инчунин муносибат нисбат ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ, ки дар низоми эҳсосоти ҳуқуқӣ, майл, одат, ҳуқуқӣ зоҳир мегардад, ки ба риояи талаботи қонуният, холисӣ ва адлу адолат дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ нигаронида шудааст, арзёбӣ менамояд (саҳ. 101-102).

Дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ ба қатори масъалаҳои асосии назарияи ҳуқуқ мансуб аст. Аҳаммияти илмии ин мавзу аз он иборат аст, ки ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти инсон буда, мазмун, риоя ва иҷрои он аз шахс ва шуури ҳуқуқии ӯ вобаста аст. Бо дарназардошти он ҳолат, муаллиф ибрози ақида менамояд, ки мақоми судя дар давлат, дар маҷмуъ дар ҷомеа яке аз меъёрҳои асосии дарк ва идроки ҷомеаи мушаххас, арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, шуури ҳуқуқии касбии судя бошад, объекти таваҷҷӯҳи махсуси илмӣ ба шумор меравад.

Муаллиф ба хулоса омадааст, ки шуури ҳуқуқии касбиро метавон ҳамчун маҷмуи анъанаҳо, таассурот, ҳиссиёт, дониш, ғояҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, ки дар ҷанбаҳои амалӣ ва назариявии эътиқодҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ амалӣ кардашудаи рафтори иштирокчиёнро дар доираи фаъолияти касбӣ муайян карда, муносибати онҳоро нисбат ба ҳуқуқ ифода мекунанд, шарҳ дод. Тавре қаблан қайд гардид, вазифаи шуури ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки он шакли инъикос ва дарки ҷузъи таркибии ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Дар баробари ин, ӯ зикр намудааст, ки фаҳмиши судя бошад, дарки моҳияти хусусиятҳои асосии мушахасси ҳуқуқӣ ҳамчун гуногунии гурӯҳи муайяни чунин падидаҳо мебошад. Судя ин ё он падидаро ба воситаи мафҳум (дуздӣ, сохтакорӣ, суиқасд ба куштор ва ғайра) банду баст намуда, фаъолияти эҷодии равониро ҷамъбаст карда, самтро ба меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун муқаррааргардида равона мекунад. Аз ин бармеояд, ки тафаккури касбии судя аз дониши ҳуқуқӣ, фарҳанги умумӣ ва таҷрибаи касбии ӯ вобаста аст (саҳ. 113-114).

Муҳаққиқ доир ба дигар талаботҳои касбию ахлоқии судяҳо ибрози ақида намуда, қайд менамояд, ки ҳатто дар замони муосир, ки ин сифатҳо як дараҷа коста гаштаанд, ба монанди меҳру муҳаббат ва боварӣ ба қонун ва суд, дар ҷараёни ҳама гуна пешбурди судӣ, ба таври анъанавӣ, на танҳо меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар санадҳои қонунгузорӣ муқаррар шудаанд, инчунин принсипҳои маънавию ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки аз мулоҳизаю андешаҳо ва таассуроти иштирокчиёни пешбурди судӣ, алалхусус судяҳо дар бораи некӣ ва бадӣ, адлу адолат, виҷдон, шаъну эътибори инсонӣ, қарзи шаҳрвандӣ, рушду инкишофи касбӣ ва этикаи судяҳо ва ғайраҳо бармеоянд, бояд дар амал риоя ва татбиқ карда шаванд.

Ҳамзамон таъкид мегардад, ки тамоми низоми ғояҳои консептуалии ҳуқуқӣ, принсипҳо ва меъёрҳои мурофиаи маданӣ ва ҷиноятӣ, ки муҳимтарини онҳо аз арзишҳои муайяни маънавӣ, ахлоқӣ ва бо ҳуқуқ ҳифзшаванда, аксиомаҳои мақсадноки ҳуқуқӣ, постулатҳо ва императивҳо бармеоянд, иҷрои амал ё қабули санадҳои судиро, ки тавонанд ғайриқонунӣ шаъну шарафи мутлақи шахс ва ҳуқуқҳои қонунии иштирокчиёни пешбурди судии маданӣ ё ҷиноятиро инкор ё худсарона поймол ва таҳқир кунанд, манъ карда шаванд.

Ба андешаи муаллиф, судя бояд конститутсия ва қонунҳо, инчунин меъёрҳои баланди маънавӣ-ахлоқии рафторро ҷиддан риоя намояд, дониш ва таҷрибаи касбии худро ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба душӣ ӯ вогузор шуда истифода барад, сазовори мансаби худ бошад, ваколатҳои худро дар сатҳи касбӣ иҷро намояд, поквиҷдон ва бовиҷдон бошад, дар ҳама ҳолат шаъну шарафи шахсиашро нигоҳ дошта, аз ҳар чизе, ки метавонад боиси паст задани обрӯю эътибори ҳокимияти судӣ гардад ва ба шаъну обрӯйи судя зарарар расонад, канорагирӣ намояд (саҳ. 123-124).

Ба андешаи муаллиф, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо яке аз омилҳои тафсири ҳуқуқӣ мебошад ва донишҳои ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ падидаи мураккабест, ки ҳамчун фаъолияти равонии шахс, ки аз ҷониби шахси мансабдори мушаххас амалӣ карда мешавад, дорои салоҳияти татбиқи қонун дар татбиқи адолати судӣ, фаъолиятест, ки ба қонунҳо итоат мекунад. Масъалаи тафсири қонунро муаллиф, маънои тассавурот пайдо кардан, фаҳмидани маъно, фаҳмиши муҳтавои қонун арзёбӣ менамояд. Дар баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ ҳатто муқарраротҳое, ҷой доранд, ки фаҳмиши духураи меъёри қонунро манъ мекунанд (саҳ. 172). Хулоса карда мешавад, ки вазифаи тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ, фаҳмидани маъно ва мазмуни меъёри тафсиршуда мебошад. Тафсир бояд он ақидаю мафҳумҳоеро, ки эҷодкории он бо ин меъёр алоқаманд аст, такрор намояд, мазмуни меъёрро ошкор кунад ё маънои онро инкишоф диҳад, фикр ва иродаи қонунгузорро равшан созад, ки дар шакли айн сабт карда шудааст (саҳ. 172-173).

Мавзуи исбот ва далелҳоро таҳқиқ намуда, муаллиф хулосабарорӣ менамояд, ки таҷрибаи таърихии назарияи ҳуқуқи исботкунӣ ва баҳодиҳии далелҳо, бо дарназардошти сатҳи кунунии рушди ҷомеа, давлат ва ҳуқуқ фаҳмиши илмӣ, дарки илмӣ ва таҳияи назарияи далелҳо, муттаҳидкунии ҳуқуқиро талаб мекунад. Танзими ҳуқуқии назарияи далелҳо бидуни тарозуи адолат ғайриимкон аст, чунки он мувозинати байни тарафҳои мурофиавиро бояд нигоҳ дорад. Ҳамзамон қайд мегардад, ки коркарди илмии назарияи ҳуқуқи далелҳо ва исбот ва таҳкими ҳуқуқии хулосаву пешниҳодҳои илмӣ на танҳо барои баланд бардоштани савияи касбии судяҳо, ки дар амалияи татбиқи ҳуқуқ иштирок доранд, таъсири судманд расонида метавонад, ҳамчунин ба мустаҳкам намудани принсипи адолат дар мурофиаҳои судӣ мусоидат менамояд (саҳ. 253-254).

Яке аз масъалаҳои марказие, ки муаллиф дар рисола таҳқиқ намудааст, ин тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар ҳошияи барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ карда шудаанд. Қайд мегардад, ки дар даврони истиқлолият бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, таҳти №271 Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, аз 3 январи соли 2011, таҳти №976 барои солҳои 2011-2013, аз 5 январи соли 2015, таҳти № 327 барои солҳои 2015- 2017 ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, таҳти №1242, Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021, ки дар маҷмуъ чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд ва дар асоси ин барномаҳо оид ба боз ҳам тақвият додани мақоми ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани нақш ва мақоми он

дар ҷомеа нақшаи чорабиниҳо татбиқ карда шуданд. Бояд эътироф кард, ки дар заминаи татбиқи ин ислоҳотҳо дар соҳаи такмили қонунгузориҳои мурофиавӣ ва ваколатҳои судяҳо дар татбиқи адолати судии парвандаҳои судӣ, махсусан тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омаданд (саҳ. 278-279).

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки муҳаққиқ, мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташударо оид ба масъалаҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо аз нуқтаи назари амалӣ ва назариявӣ дуруст таҳлил намуда, андешаҳо ва хулосабарориҳои муҳими илмиеро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калони назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳодшуда нахустин таҳқиқоти маҷмуавӣ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳо, андешаҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо нишон медиҳанд. Навоварии илмии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки он яке аз аввалин таҳқиқотҳои маҷмуъӣ мебошад, ки дар он масоили назариявӣ - методологии консепсияи нави илмии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо коркард шудааст. Дар таҳқиқот муаллиф бо омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида марбут ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва қонунгузории амалкунандаро баррасӣ намуда, масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши онро дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар замони муосир мавриди таҳқиқ қарор додааст. Навоварии илмии таҳқиқоти диссертсионӣ, инчунин аз интихоби ҷанбаҳои кам омӯхташудаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, ангезаи рафтор, менталитет ва аҳаммияти он дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада барои дарки илмии равандҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо нигаронида шудаанд. Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, ки дар таҳқиқот оварда шудаанд, имкон медиҳанд, ки нақши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар механизми татбиқи ҳуқуқ, мушкилоти вазъи кунунии шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, нақши давлат дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ амиқтар сурат гирад.

Дар таҳқиқот кӯшиш карда мешавад, ки муносибати ҷаҳонбинии нав нисбат ба масъалаи баррасишаванда ташаккул дода шавад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда на танҳо ба олимон, инчунин ба кормандони мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ имкон медиҳад, ки бо мақсади ташаккул ва такмили сифатҳои касбии судяҳо ва пешгирии шаклҳои гуногуни деформатсияи касбии онҳо ба шуури ҳуқуқӣ нигоҳи амиқтару нав гиранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таҳияи тадбирҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир, ягонакунии истилоҳот дар соҳаи назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин дар раванди қабули қоидаҳо, омода намудани кадрҳои судягӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат хоҳад намуд. Таҳлили ташаккул ва рушди шуури ҳуқуқии дар таҳқиқот гузаронидашуда имкон медиҳад, ки низоми тадбирҳои мушаххасе, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида шудаанд, мақсаднoктар муайян карда шаванд, зеро самаранокии низоми идоракунӣ дар давлат ва сатҳи фасод дар сохторҳои давлатӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии кормандон вобаста аст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба проблемаи маърифати ҳуқуқӣ ва ҳам барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти меъёрҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Бо мақсади исботи навиштаҷотҳои болозикр метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб Қодирзода Т.Қ. арзандаи дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад:

1. Дар навгонии 1 муаллиф исбот менамояд, ки шуур - яке аз мафҳумҳои пойдевории фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ буда, ҷузъи муҳими низоми равонии инсонро тавсиф мекунад. Шуури ҳуқуқӣ, маҷмуи ғояҳо ва эҳсосотест, ки муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода намуда, як намуди махсуси ҳисси инстинктивии адолат аст, ки дар он шахс маънавиёти худро дарк намуда, маънавиёти одамони дигарро эътироф мекунад. Муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки ду гурӯҳи ақидаҳоро қайд кардан мумкин аст, ғояҳои маънодор ва низомсоз. Якум табиати шуури ҳуқуқиро ифода намуда, тамоми мазмуни онро мувофиқи мантиқи он возеҳу равшан месозад. Ӯ ба ғояҳои маънодор - ғояҳои ҳуқуқ, меъёр, тартибро мансуб медонад. Ин ғояҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, метавон табиати ҳуқуқро дар умумияти он фаҳмид. Дуюм, ғояҳои низомдор - мазмуни шуури ҳуқуқиро дар шаклҳои фарҳангӣ ва таърихии он ифода намуда, ба тамоми доираи маъноии фарҳанги мушаххаси

ҳуқуқӣ хусусияти хос мебахшанд. Бо кумаки омӯзиши онҳо моҳияти ҳуқуқ, дар дақиқии он дарк карда мешавад. Муаллиф масъалаҳои функсияҳо, унсурҳо ва намудҳои шуури ҳуқуқиро кушода дода, онҳоро мушаххас гардонидааст. Қайд мегардад, ки шуури ҳуқуқӣ, дорои функсияҳои идрокӣ; баҳодиҳӣ; танзимкунанда; пешгӯӣ; робитавӣ ва амсиласозӣ мебошад. Шуури ҳуқуқӣ, аз унсурҳои психологӣ ва идеологӣ иборат буда, намудҳои шуури ҳуқуқиро субъектҳои он, барандагон ва эҷодкунандагони шаклҳои гуногуни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз муаллиф, се намуди асосии шуури ҳуқуқиро қайд менамояд: а) ҷамъиятӣ, б) гуруҳӣ ва в) фардӣ. Чунин тақсимот бо аломати дараҷаи гуногуни ҷомеаи иҷтимоӣ асос меёбад.

2. Дар навгонии 2 муаллиф дар бораи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, шакл ва унсурҳо он хулосабарорӣ намудааст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки шуури ҳуқуқии касбии судя - як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, ки дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ташаккул меёбад. Омӯзиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ мебошад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ - сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд ва он сатҳи олии инъикоси равонии ҳақиқат аз тарафи судя, дар шакли тасвирҳо ва мафҳумҳои умумишуда ба амал баровардани онҳо мебошад. Дар ин ҷо ҳолати эҳсосии судя, муносибати ӯро нисбат ба ҳуқуқ муайян мекунад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя - аз унсурҳои алоҳидаи сохтории он ки ҳар яке аз онҳо дорои аҳаммият ва ҷузъҳои алоҳидаи таркибии худ мебошанд, иборат аст, аз ҷумла: ҳангоми муайян кардани тамсилаи шуури ҳуқуқии касбии судя, унсури асосии он пайванди мантиқӣ-меъёрӣ мебошад, ки он ҳаҷм ва амиқии донишҳои ҳуқуқӣ, сатҳи тафаккури ҳуқуқиро дар бар мегирад; як қисми шуури ҳуқуқии касбии судя, ки сарчашмаи равонӣ дорад, эҳтироми баланд нисбат ба ҳуқуқ ва эътиқод ба зарурати иҷрои бошууронаи талаботи он, дарки ҳуқуқро ҳамчун арзиши олӣ ташкил медиҳад; самт ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳаммиятнокро пешбинӣ мекунад: омодагӣ ба иҷрои вазифаи касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, талош барои адлу адолат, эътирофи зарурати такмили худ буда, ба рафтори татбиққунандаи ҳуқуқ ҳам бевосита ва ҳам бавосита тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

3. Дар навгониҳои 3 ва 4 муаллиф дар бораи фаҳмиши судя ақидаҳо баён намуда, хулоса мекунад, ки фаҳмиши судя - дарки моҳияти падидаи мушаххасси ҳуқуқӣ ҳамчун гуногунии гурӯҳи муайяни чунин падидаҳо мебошад. Судя ин ё он падидаро ба воситаи мафҳум (duздӣ, сохтакорӣ,

суиқасд ба куштор ва ғайра) банду баст намуда, фаъолияти эҷодии равониро ҷамъбаст карда, самтро ба меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун муқарраргардида равона мекунад. Фаҳмиш - воситаи зеҳнӣ-идрокӣ буда, бо худ ҷараёнеро ифода медиҳад, ки дар асоси он натиҷаи ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии объекти фаҳмиш дар доираи ҳолати ба вуқуъомадаро ташкил карда, имкон медиҳад, ки дар он самтро ёфта, қарор қабул карда, дар асоси ин гуногунии донишҳои аллакай мавҷударо оид ба ин объекти фаҳмиш, возеҳу равшан менамояд ва асоси паҳлуи маърифатии шуури судя буда, судя маълумотро тавассути шуур ва асосан тавассути фаҳмиш қабул ва дарк мекунад ва дар доираи паҳлуи маърифатии шуури ҳуқуқии судя бо ёрии усулҳои мушаххаси фаҳмиши ҳуқуқ, аз он ҷумла, дарки ҳуқуқ, тавсиф, тавзеҳро дар бар мегирад, амалӣ мегардад.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ аз якчанд унсурҳо иборат мебошад, аз ҷумла:

1) Унсури якум ин ҷараён, донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки ҷараёни дарк, ҷамъоварӣ, тафсири дониши ҳақиқати ҳуқуқиро дар бар мегирад. Маҳз дар доираи ҳамин унсур, аз ҷумла, ҷараёни дарки ҳуқуқ ё фаҳмиши ҳуқуқ, ки асоси ҷараёни фаҳмиши ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ба амал бароварда мешавад. Фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён бо фаъолияти мақсадноки ақлию зеҳнии судя муайян карда шуда, бо худ ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии ҳуқуқро ҳамчун падидаи мустақили иҷтимоӣ ва зуҳуроти он, инчунин мазмуни онро ифода мекунад. Моҳияти фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ҷараёни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ аз фаҳмидани ҳуқуқ (шакл ва мазмуни он), ҷустуҷуи ҳуқуқ, ёфтани ҷавоб ба савол, ки ҳуқуқ чист, дар чӣ ифода меёбад, чӣ гуна шаклҳо дорад, иборат аст.

2) Унсури дуюм, натиҷаи дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки идеологияи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар чунин низом шуури ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷа мавқеи асосиро ишғол намуда, ҳамчун асоси идеологияи ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар ақидаҳои адабиёти ҳуқуқшиносӣ оид ба падидаи шуури ҳуқуқӣ бояд фаҳмише ҷудо карда шавад, ки дар худ ду категорияҳоро: ҳуқуқ ва шуурро дар бар мегирад.

Муаллиф қайд менамояд, ки расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ба судя шароит фароҳам меорад, ки дар муайян намудани ҳолатҳои парвандаҳои судӣ, ки дорои аҳаммияти муҳими ҳуқуқӣ мебошанд, дар муқаррар кардани ҷоизӣ ва дахлдории далеҳо ва баҳодиҳии онҳо нақши муҳим дошта, ҳамчун қоидаҳои мурофиаҳои судӣ баромад намуда, дар қонунгузорӣ ва қарорҳои суди конститутсионӣ, пленумҳои судҳои олӣ ва олии иқтисодӣ таҷассум ёфта, дар қабули санадҳои қонунию асосноки судӣ мусоидат менамояд.

4. Дар навгониҳои 5, 6 ва 7 муаллиф дар бораи тафсири ҳуқуқӣ, ҳамчун фаъолияти мушаххаси ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки барои

фаҳмиши маънои аслии мазмуни ҳуқуқ нигаронида шуда, бо мақсади таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешавад, инчунин дар бораи назарияи ҳуқуқи исботкунӣ, ки он маҷмӯи қоидаҳо, принсипҳо ва методологияест, ки асосҳои қонунии исботи далелҳоро дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад, мафҳумҳо ва равандҳои асосии ба даст овардани далелҳо, арзёбии онҳо ва истифодаи онҳоро барои қабули санадҳои судӣ ва ҳуқуқиро дарбар мегирад, ақидаронӣ намудааст.

5. Дар навгонии 8 муаллиф ба хулоса омадааст, ки нақши баланд бардоштани шуури касбии ҳуқуқии судяҳо дар раванди ба амал баровардани адолати судӣ, татбиқи самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои босифати судӣ аҳаммияти ҳалкунанда доршта, татбиқи адолати судӣ аз ҷониби судя бояд уҳдадории ӯро дар бар гирад, ки ба такмили ихтисос ва тайёрии касбии худ пайваста чораҳо андешад ва дар бораи зарурати баланд бардоштани тахассуси судя барои таъмини бомуваффақонаи иҷрои вазифаҳои мансабии судяҳо, муқарраротҳои дар қонунгузорӣ ҷойдошта, нокифоя буда, такмили қонунгузориро тақозо менамояд.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:**

1. Муаллиф дар банди 2 нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшуда дар бораи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ақидаи иброз намудааст. Аз ҷумла, омадааст, ки "Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо - як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, ки дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ташаккул меёбад". Инчунин қайд мегардад, ки "Шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ - сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд" (саҳ. 22-23). Шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро муаллиф дар алоҳидагӣ нишондода, дар яке шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ ва дигареро ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ баҳо додааст. Ба андешаи мо ин ду бандро дар як банд ҷой додан, ба мақсад мувофиқ буд, зеро мафҳуми шуури ҳуқуқии касбии судяҳо категорияи ҳуқуқӣ буда, мазмун ва моҳияти он дар алоҳидагӣ баррасӣ намудан тағйир намеёбад.

2. Муаллиф дар диссертатсия оид ба кафолатҳои қонунии мустақилияти судяҳо сухан ронда, қайд менамояд, ки: «Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст, ки он барои таъмини адолати иҷтимоӣ, рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва таҳкими қонуният нақши муҳим дорад. Пойдории давлат аз устувориву бардавомии адолат ба ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ вобастагии зич дорад. Бо дарназардошти рушди ҷомеа, пайдо шудани муносибатҳои нави ҳуқуқӣ фаъолияти ҳокимияти судӣ бояд мунтазам таҳким ва густариш ёбад» (саҳ. 279-280), аммо масъалаи мустақилияти судяҳо дар таҳқиқот ба таври пурра кушода дода нашудааст, ки ин ба андешаи мо ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо низ таъсири бевосита расониданаш мумкин аст.

3. Муаллиф дар банди понздаҳуми тавсияҳои назариявӣ пешниҳод менамояд, ки "фаъолияти судӣ масъулияти баландро талаб намуда, нерӯи зиёди ақлонию ҷисмониро талаб менамояд. Бо ин мақсад муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва қабули санадҳои судӣ, дар фаъолияти судҳо дар қонунгузорӣ баъзе истисноиҳо пешбинӣ карда шаванд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судяҳо ва бехтар гардонидани сифати санадҳои судӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар ҳамаи зинаҳои судӣ пурра таҳия намудани санадҳои судӣ вобаста ба парвандаҳои мушаххас ҳамчун истисно пешбинӣ карда шаванд: санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар онро тарафҳои мурофиа ва ё иштирокчиёни мурофиа талаб намоянд; санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар санади судӣ аз ҷониби тарафҳо ва ё иштирокчиёни мурофиа шикоят карда шавад; санадҳои судие, ки дар онҳо сирри давлатӣ, сирри оилавӣ ва сирри тиҷоратӣ ошкор мешаванд, новобаста аз ду ҳолати дар боло зикргардида, пурра таҳия карда намешаванд. Вобаста ба ин пешниҳодҳо инчунин дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имзои электронии судя ва супоридани нусхаи санади судӣ ба тариқи электронӣ пешбинӣ карда шавад." (саҳ. 335-336). Аммо бобати масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти судяҳо дар матни диссертатсия кам навишта шудааст, аз қабили коллегияиия тахассусии судяҳо, ки ҳоло амал мекунад, оё он ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзаи ҷобаҷогузории кадрҳои судягӣ мебошад ё не ва ҷой доштани ин ҳолат ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо чӣ гуна таъсир мерасонад ва ғ.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд карда шудааст, ки "Санадҳои маъмултарини татбиқи ҳуқуқ санадҳои судӣ (фармон, таъинот, ҳалнома, ҳукм, қарор), фармонҳо дар бораи ҳавасмандкунӣ ё муҷозот додани кормандон мебошанд. Шакл хусусияти расмӣ ва аҳаммияти ҳуқуқии санади ҳуқуқтатбиқкуниро таъкид мекунад. Таҳлили шакли санад имкон медиҳад, ки муқаррар гардад, ки санад аз номи кадом мақомот ё шахси мансабдор қабул карда шудааст; нисбат ба ки ё дар бораи чӣ қабул

шудааст; моҳияти масъалаи ҳалшаванда; оқибатҳои ҳуқуқие, ки аз парвандаи ҳалшуда бармеоянд.”(саҳ. 247-248). Ба андешаи мо дар диссертатсия дар бораи ҳолати иҷрои санадҳои судӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар амалия бояд зикр мегардид, зеро он беҳбудиро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар натиҷа ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо низ таъсири худро мерасонад.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад.** Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферет дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи фанҳои давлати-ҳуқуқии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон муҳокима шуд. Дар семинар иштирок намуданд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 20 маи соли 2025 тасдиқ шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети

ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Элназаров Д.Х. омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлати-ҳуқуқии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон иштирок доштанд: - 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи кафедра таҳти №10 аз 26 маи соли 2025 тасдиқ шудааст.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Кравченко О.В.**

**Ташхисгар:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Элназаров Д.Х.**

**Котиб:** муаллимаи калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Умедов К.М.**

Имзои Кравченко О.В, Эльназаров Д.Х ва Умедов К.М. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Рахимов А.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, М.Турсунзода, 30; Тел.: +(992) 37 221-35-50; Факс. +(992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj.ru